# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**Қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 02 июли соли 2026, №109**

**Барои сазовор донистани Рустамзода Садам Рустам, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос**

Диссертатсияи доктори фалсафа (PhD), Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ 28 марти соли 2026, №93 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ки аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд тасдиқ шудааст) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Рустамзода Садам Рустам соли 2015 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро соли 2019 хатм намудааст. Инчунин, соли 2019 ба зинаи таҳсилоти магистратура ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шуда, онро низ соли 2021 бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 05.11.2021 №444-05 ба ҳайси докторанти фалсафа PhD, доктор аз руйи ихтиссоси 6D030301 қабул шуда, онро бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 09.08.2024 №284-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 03 декабри соли 2021 №4 (21-22) тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Рустамзода Садам Рустам дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2026 №6 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба ҳимоя тавсия карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** – Раҳмонзода М.Ҷ. – номзади илмҳои ҳуқуқшиноси, дотсент декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

– **Оралбоев Ҳамза Ҳайдарович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Ба ҳайси муассисаи пешбар –** Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, (5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) Заробидинзода С.З. омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Аҳёзода Ш.Т. ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия муалими кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Анвариён Ш.Ш. имзо ва аз ҷониби сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода А.Р., дар санаи 03 июни соли 2026 тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводди чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки

бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Рустамзода, С.Р., Раҳмонзода М.Ҷ. Таҳлили аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус [Матн] / С.Р. Рустамзода, М.Ҷ. Раҳмонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2026. – №3 – С. 320-330; ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Рустамзода, С.Р. Таърихи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ [Матн] / С.Р. Рустамзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ. – 2026. – №1 (41). – С. 276-288. ISSN 2414 – 9217.

**[3-М].** Рустамзода, С.Р. Масоили фарқгузории таҷовуз ба номус аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ [Матн] / С.Р. Рустамзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ. – 2026. – №1 (41). – С. 253-264. ISSN 2414 – 9217.

**[4-М].** Рустамзода, С.Р. Таҳлили аломатҳои субъективии таҷовуз ба номус [Матн] / С.Р. Рустамзода // Қонунгузорӣ. Маҷаллаи илмӣ-иттилоотӣ. – 2026. – №1 (61). – С. 201-213. ISSN 2414 – 9217.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5-М].** Рустамзода, С.Р. Понятие и признаки половой свободы [Текст] / С.Р. Рустамзода // Правовая жизнь. – 2025. – №1(49). – С. 139-148. ISSN 2307 – 5198

**[6-М].** Рустамзода, С.Р. Сравнительно-правовой анализ уголовного законодательства ответственности за половую свободу в зарубежных странах [Текст] / С.Р. Рустамзода // Правовая жизнь. – 2025. – №2(50). – С. 92-98. ISSN 2307 – 5198

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Раҳмон Д.С.** – Роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Сафарзода Н.Ф.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Иброҳимов С.И.** – Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сарходими илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқ Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидоштаи зерин пешниҳод шудаанд:

1. Дар автореферат унвони мавзуъ асосан ба ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ равона гардидааст, аммо дар баъзе қисматҳои тавсифи таҳқиқ ва натиҷаҳои илмӣ таваҷҷуҳи асосӣ бештар ба мафҳум ва низоми дахлнопазирии ҷинсӣ равона мешавад. Албатта, ин ду категория бо ҳам робитаи зич доранд, вале аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ мазмун, субъекта ҳифз ва таъсири онҳо ба бандубасти кирдорҳо якхела нестанд. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф дар автореферат таносуби байни ин ду самти ҳифзро боз ҳам равшантар нишон медод.

2. Муаллиф зарурати дақиқтар мустаҳкам намудани баъзе аломатҳои тарафи объективии таҷовуз ба номус, инчунин такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти стандартҳои муосири байналмилалӣ таъкид менамояд (саҳ. 29). Бо вучуди ин, дар хулосаҳо ва тавсияҳои амалии пешниҳодшудаи муаллиф масъалаи мазкур ба таври кофӣ мушаххас инъикос наёфтааст. Аз ҷумла, дар автореферат равшан нишон дода нашудааст, ки кадом аломатҳои тарафи объективии таҷовуз ба номус ба дақиқсозии қонунгузорӣ ниёз доранд, онҳо бояд бо кадом тарзи ҳуқуқӣ дар диспозитсияи моддаи 138 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода гарданд ва чунин тағйирот ба бандубасти ҷиноят дар амалияи судию тафтишотӣ чӣ гуна таъсир мерасонад.

3. Муаллиф дар пешниҳоди якум қайд менамояд, ки «озодии ҷинсӣ анъанавӣ ҳамчун яке аз зуҳуроти асосии низоми ҳуқуқҳои табиии инсон баррасӣ мегардад. Пайдоиши он бо расидани шахс ба чунин сатҳи камолоти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ вобаста аст, ки ба ӯ имкон медиҳад оид ба ворид шудан ба муносибатҳои никоҳӣ ва таъсиси оила мустақилона қарор кабул намояд» (сах. 12).

Дар маҷмуъ эродҳои зикршуда сатҳу сифати корро коста намегардонанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқарраротн бандҳои 61-10 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; хуқуки иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** низоми ягонаи қоидаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таҳия гардидааст, ки имкон медиҳад таркибҳои ҷиноятҳои ба дахлнопазирии ҷинсии шахсият таҷовузкунанда ба таври маҷмуӣ муайян карда шаванд. Низоми пешниҳодшуда робитаи байни меъёрҳои дахлдори қонунгузории ҷиноятӣ, унсурҳои сохтории онҳо ва хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқии соҳаи муносибатҳои ҷамъиятии мавриди баррасиро ошкор менамояд;

**пешниҳод шудааст:** қисми 1 моддаи 138 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳрири зерин пешниҳод карда шавад:

«(1) Таҷовуз ба номус, яъне алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбат ба шахс ё наздикони ӯ ё бо истифода аз ҳолати нотавонии чунин шахс»;

– **исбот шудааст:** зери мафҳуми ҷабрдида аз ҷиноятҳое, ки ба дахлнопазирии ҷинсии шахсият таҷовуз мекунанд, бояд шахси воқеие фаҳмида шавад, ки бинобар сабабҳои объективӣ, аз ҷумла хусусиятҳои синнусолӣ, ҳолати саломатии равонӣ ё ҷисмонӣ, инчунин қарор доштан дар ҳолати оҷизӣ қобилияти ифодаи озодона ва огоҳонаи иродаи худро нисбат ба ворид шудан ба муносибатҳои ҷинсӣ надорад. Ҳангоми чунин ҳолатҳо, шахс ҳамчун дорандаи ҳолати дахлнопазирии ҷинсӣ баррасӣ мегардад, ки манъи мутлақи ҳуқуқии ҳар гуна дахолат ба соҳаи ҷинсии ӯро пешбинӣ менамояд;

– **ҷорӣ намудани:** расонидани зарар ба дахлнопазирии ҷинсии шахсият ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ метавонад тавассути якчанд самт амалӣ гардад. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи таъсир ба унсурҳои сохтории муносибатҳои ҷамъиятӣ меравад. Ҳамзамон, зарар метавонад дар натиҷаи вайрон шудани робитаи иҷтимоӣ байни иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ ба амал ояд. Чунин вайроншавӣ метавонад дар натиҷаи тағйир ёфтани мақоми иҷтимоии худи ҷинояткор, тағйир ёфтани мақоми иштирокчии дигар ё иҷро накардани ухдадориҳое, ки аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд, ба вуҷуд ояд;

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** Аҳаммияти таҳқиқот бо муносибати комплексӣ нисбат ба омӯзиши мушкилоти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии дахлнопазирии ҷинсӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф ба рушди доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат намуда, заминаи назариявиро ҷиҳати дарки низоми ҷиноятҳои ба муқобили шахсият васеъ мегардонанд. Натиҷаҳои бадастомада дорои арзиши илмӣ буда, метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда, ки ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати ҷиноятӣ дар соҳаи ҳифзи озодии ҷинсӣ равона шудаанд, истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот. Дар доираи кори илмӣ-таҳқиқотӣ таҳлили ҳамаҷонибаи меъёрҳои муқарраркунандаи ҷавобгарӣ

барои ҷиноятҳои ҷинсӣ анҷом дода шудааст, ки ин зарурати такмили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар раванди қонунэҷодӣ, бахусус дар қисмати ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили дахлнопазирии ҷинсии шахсият, асоснок менамояд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** таҳқиқоти илмӣ тавассути омӯзиши илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ, истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи синну соли шахсияти ҷинояткор инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудаанд, самаранок истифода шудаанд.

– **баён шуд, ки** дар таҳқиқот фарқгузории принсипиалии мафҳумҳои «озодии ҷинсӣ» ва «дахлнопазирии ҷинсӣ» гузаронида мешавад. Озодии ҷинсӣ ҳамчун имконияти шахс барои мустақилона муайян намудани рафтори худ дар соҳаи ҷинсӣ баррасӣ мегардад, ки бо расидан ба синне пайдо мешавад, ки қонунгузорӣ таъсиси оиларо иҷозат медиҳад, яъне пас аз расидан ба синни ҳаждаҳсолагӣ, бо дарназардошти имконияти муқарраргардидаи қонун барои бастани никоҳ аз синни шонздаҳсолагӣ. Ҳамзамон, амалӣ гардидани озодии ҷинсӣ хусусияти мутлақ надошта, бевосита аз имкониятҳои воқеии шахс барои ифодаи иродаи мустақилона вобаста мебошад. Дар ҳолати аз даст додани чунин имкониятҳо, шахс ба таври объективӣ ба ҳолати ҳифзи ҳуқуқӣ мегузарад, ки бар принсипи дахлнопазирии ҷинсӣ асос меёбад;

– **ошкор гардид, ки дар** қисми 1 моддаи 138 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз калимаи «…занро,» бо ибораи зерин пурра карда шавад: «…дар ҳолати набудани ризоияти ӯ, ки ба таври озод иброз гардида, дар заминаи тамоми ҳолатҳои воқеии атроф арзёбӣ карда мешавад».

– **омӯхта шуданд:** таҳлили гузаронидашудаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки як қатор мушкилоти муҳим, ки ҳалли меъёриро талаб мекунанд, ошкор карда шаванд. Ба ҷумлаи онҳо камбудиҳои таърифи меъёрии мафҳуми таҷовуз ба номус, маҳдуд будани доираи шахсоне, ки таҳти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ қарор мегиранд, мавҷудияти мӯҳлатҳо барои мурочиати ҷабрдидагон бо ариза дар бораи ҷиноят, инчунин набудани криминализатсияи таҷовуз ба номус дар никоҳ дохил мешаванд. Ҳамзамон, камбудиҳо дар татбиқи равиши гендерӣ дар таъқиби ҷиноятӣ ва таъмини ҳифзи муносиби манфиатҳои ҷабрдидагон боқӣ мемонанд;

– **аз нав такмил додани** қисми 1 моддаи 139 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии

Тоҷикистон баъд аз калимаҳои «…ҷабрдида» бо ибораи зерин пурра карда шавад: «…дар ҳолати набудани ризоияти ӯ, ки ба таври озод иброз гардида, дар заминаи тамоми ҳолатҳои воқеии атроф арзёбӣ карда мешавад»

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** мазмуни асосии таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод гардидаанд, чандин маротиба дар ҷаласаҳои кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ин муҳокимаҳо имкон доданд, ки ғояҳои асосии таҳқиқот аз нуқтаи назари илмӣ арзёбӣ гардида, таҳлили интиқодӣ анҷом дода шавад ва баъзе ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он дақиқ гарданд. Қисми муҳими натиҷаҳои бадастомада, инчунин, дар доираи конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод гардида, дар семинарҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**– муайян карда шуданд,** ки таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки як қатор масъалаҳо, ки ба тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои зидди дахлнопазирии ҷинсӣ ва таҳияи чораҳои самараноки муқовимат ба онҳо вобаста мебошанд, то ҳол баҳснок боқӣ мемонанд. Аз ҷумла, равиши институтсионалӣ нисбат ба муайян намудани аломатҳои объекти бевоситаи чунин таҷовузҳо ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст. Илова бар ин, дар адабиёти илмӣ таърифи низомноки маҷмуи таркибҳои ҷиноятҳое, ки ба дахлнопазирии ҷинсӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ зарар мерасонанд, мавҷуд нест. Яке аз масъалаҳои муҳим дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии чунин таҷовузҳо мебошад, ки мазмуни он бо хусусияти оқибатҳои ҷиноятҳо ва инчунин бо ҳолати оҷизии ҷабрдида робитаи зич дорад;

**– коркард карда шуд:** шахсе, ки бинобар сабабҳои объективӣ имконияти амалӣ намудани озодии ҷинсии худро надорад, бояд ҳамчун субъекти ҳифзи махсуси ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар соҳаи дахлнопазирии ҷинсӣ баррасӣ гардад. Дар чунин ҳолатҳо барои ӯ ҳуқуқ ба ҳифзи дахлнопазирии шахсӣ, аз ҷумла ҷанбаи ҷинсии он, нигоҳ дошта мешавад. Бо дарназардошти ин, таърифи муаллифии мафҳуми мавриди баррасӣ пешниҳод мегардад: дахлнопазирии ҷинсӣ манъи мутлақи ҳуқуқие мебошад, ки аз ҷониби қонун муқаррар гардида, ҳар гуна дахолат ба соҳаи ҷинсии шахсеро манъ менамояд, ки ё ҳанӯз ба ҳолати озодии ҷинсӣ нарасидааст ё бинобар ҳолатҳои муайян имконияти мустақилона амалӣ намудани онро аз даст додааст;

**– муаррифӣ карда шуд:** таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии гузаронидашуда имкон дод, ки чунин хулосаҳо баён карда шаванд:

– рушди танзими ҳуқуқии таҷовузҳо ба дахлнопазирии ҷинсӣ бо набудани фаҳмиши устувори доктриналӣ оид ба мазмуни ин мафҳум, инчунин бо номуайян будани доираи кирдорҳое, ки ин объекти ҳифзи ҳуқуқиро вайрон мекунанд, тавсиф меёбад;

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки натиҷаҳои таҳқиқот тавассути истифодаи методологияи комплексӣ, ки усулҳои умумилмӣ ва махсуси ҳуқуқиро муттаҳид менамояд, таъмин гардидааст. Асоси таҳқиқотро таҳлили низомноки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавзеҳоти роҳнамоии Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маҷмуи васеи адабиёти илмӣ-методӣ, таҳқиқоти монографӣ ва диссертатсионӣ ташкил медиҳанд. Асоснокии хулосаҳо бо омӯзиши амиқи таҷрибаи хориҷӣ дар танзими ҳуқуқии ҷиноятҳои ҷинсӣ ва татбиқи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ тасдиқ мегардад, ки имкони мутобиқ намудани стандартҳои пешрафтаи байналмилалиро ба воқеиятҳои ҳуқуқии миллӣ фароҳам овард.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** танзими ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ дар даҳсолаҳои охир таҳаввулоти назаррасро аз сар гузаронидааст, ки он бо кӯшиши давлатҳо ҷиҳати тақвияти ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва мутобиқ намудани қонунгузории ҷиноятӣ ба принсипҳои инсондӯстии ҳуқуқи муосир вобаста мебошад. Ба ҷумлаи тамоюлҳои муҳимтарини ин соҳа дохил мешаванд: бознигарии баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятии баъзе шаклҳои рафтор, ки қаблан ҷиноят эътироф мешуданд, аз ҷумла декриминализатсияи баъзе кирдорҳо (масалан, хиёнат дар никоҳ ва муносибатҳои ҳамҷинсгароӣ); пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз нисбат ба ноболиғон; васеъ гардидани рӯйхати таркибҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ; инчунин рушди маҷмуи чораҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ, ки ба пешгирии зӯроварии ҷинсӣ, пеш аз ҳама нисбат ба кӯдакон, равона гардидаанд;

– **ғоя асоснок шудааст, ки** озодии ҷинсӣ анъанавӣ ҳамчун яке аз зуҳуроти асосии низоми ҳуқуқҳои табиии инсон баррасӣ мегардад. Пайдоиши он бо расидани шахс ба чунин сатҳи камолоти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ вобаста аст, ки ба ӯ имкон медиҳад оид ба ворид шудан ба муносибатҳои никоҳӣ ва таъсиси оила мустақилона қарор қабул намояд. Мувофиқи қонунгузории амалкунанда, синни умумии никоҳ ҳаждаҳсолагӣ муқаррар гардидааст, аммо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун иҷозати бастани никоҳ аз синни шонздаҳсолагӣ дода мешавад. Амалӣ гардидани озодии ҷинсӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки шахс қобилияти ифодаи иродаи мустақилона ва қабули қарорҳои огоҳонаро дар соҳаи муносибатҳои ҷинсӣ дошта бошад. Дар ҳолати аз даст додани чунин қобилият, шахс амалан аз

имконияти истифодаи ин ҳуқуқ маҳрум мегардад. Аз ҷумла, дар шароити ҳолати оҷизӣ, мавҷудияти озодии ҷинсӣ наметавонад ҳамчун омили аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммиятнок баррасӣ гардад, зеро дар чунин ҳолатҳо афзалият бояд ба таъмини ҳифзи дахлнопазирии ҷинсӣ дода шавад;

– **муайян шудаанд,** ки мавқеи ҳуқуқии шахсоне, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор доранд, аҳаммияти махсус дорад. Новобаста аз сабабҳои ба вуҷуд омадани чунин ҳолат, ин гуна шахсон ба таври объективӣ имконияти амалӣ намудани озодии ҷинсиро надоранд, зеро қобилияти ифодаи иродаи мустақилона ва огоҳонаро дар соҳаи муносибатҳои ҷинсӣ надоранд. Дар шароити оҷизӣ, худи категорияи озодии ҷинсӣ аҳаммияти амалии худро аз даст медиҳад. Аз ин рӯ, шахсе, ки бинобар ҳолатҳои объективӣ наметавонад озодии ҷинсии худро амалӣ намояд, бояд ҳамчун дорои мақоми дахлнопазирии ҷинсӣ баррасӣ гардад, зеро дар чунин ҳолат зарурати таъмини ҳифзи пурзӯртари ҳуқуқии дахлнопазирии шахсии ӯ дар маҷмуъ ва бахусус ҷанбаи ҷинсии он ба миён меояд;

– **истифода карда шуданд:** дар раванди таҳқиқот таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумлаи, зиёда аз 100 парванда аз бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуд, инчунин, маълумотҳои омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Довталаб масъалаҳои мураккаби ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии дахлнопазирии ҷинсиро мустақилона таҳлил намуда, консепсияи илмии худро пешниҳод кардааст. Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзуъ ва асосноккунии он, гузориши масъалаи илмӣ ва анҷом додани таҳқиқоти комплексӣ ифода меёбад. Муаллиф меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ҷавобгариро барои таҷовуз ба дахлнопазирии ҷинсӣ танзим менамоянд, шахсан таҳлил карда, хусусиятҳои татбиқи онҳоро дар шароити муосир муайян намудааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 02 июли соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Рустамзода Садам Рустам дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №407шд тасдиқ гардида, 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор ва 1 нафарашон номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои шурои дисрертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории

додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ -- 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,** **Мирзозода Қ.Х.**

**02 июли соли 2026**